# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 09.02.2024, № 45

Дар бораи сазовор донистани Абдулло Далер Абдулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Абдулло Далер Абдулло дар мавзуи “Нақши ниҳоди пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)” аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 15-уми декабри соли 2023 (Протоколи №40) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01шд).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдулло Далер Абдулло 15 майи соли 1981 таваллуд шуда, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Солҳои 1998-2003 дар факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, онро бо дипломи аъло хатм кардааст. Ӯ хатмкардаи магистратураи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз рӯи ихтисоси “Нигоҳдории тандурустии ҷамъиятӣ” (солҳои таҳсил 2012-2014) ва факултети “Идоракунии давлатӣ”-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои таҳсил 2017 – 2020) мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ омода гардидааст

**Роҳбари илмӣ**: **Хидирзода Махфират Умар** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ**:

**Шарифзода Лоҳутӣ Шариф** – доктори илмҳои сиёсӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон

**Абдуллоев Насуло Сайфуддинович** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи фанҳои гуманитарии ДДТТ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Неъмонов Қ.М., котиби маҷлис номзади илмҳои фалсафа, дотсент Шарипов М.И.

ва эксперт (омодасози лоиҳаи тақриз), номзади илмҳои фалсафа, дотсент Хуморов Д.М. имзо гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Абдулло Далер Абдулло дар мавзуи "Нақши ниҳоди пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)" аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Абдулло Далер Абдулло оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар 2 конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бо маърӯза баромад намудааст, ки маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**

[1-М]. Мерганов, Д. Саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкиму тақвияти Созмони ҳамкории Шанхай [Матн] / Д. Мерганов// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №3. – С.123-129.

[2-М]. Абдулло, Д.А. Саҳми Пешвои миллат дар эҳёи рукнҳои давлатдорӣ дар Тоҷикистон. Ҷанбаи сиёсӣ [Матн] / А.Д. Абдулло // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ). – Хуҷанд, 2022. – №4 (93). – С.123-132.

[3-М]. Абдулло, Д.А. Ниҳоди Пешвои миллат: Мафҳум, моҳият ва асосҳои сиёсӣ – ҳуқуқӣ [Матн] / А.Д. Абдулло // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №4/1 (58). – С.391-400.

[4-М]. Абдулло, Д.А. Пешвои миллат намунаи барҷастаи садоқат ба арзишҳои миллӣ ва давлатӣ [Матн] / А.Д. Абдулло // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №3. – С.141-149.

[5-М]. Абдулло, Д.А. Истиқлолияти давлатӣ ва давлатдории Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / А.Д. Абдулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4. – Қ.1. – С.284-292.

[6-М]. Хидирзода, М.У., Абдулло, Д.А. Хусусиятҳои ташаккули ниҳоди Пешвои миллат ва тақвияти эътимоди ҷомеа ба он дар Тоҷикистон [Матн] / У. М. Хидирзода, А.Д. Абдулло // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4/2 (64). – С.291-300.

**Маърӯзаҳо дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ**

[7-М]. Мерганов, Д. «Эмомалӣ Раҳмон - заминагузори истиқлолияти энергетикӣ ва меъмори ин бегазанди кохи нур» [Матн] / Д. Мерганов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Рушди давлатдории миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ», (шаҳри Душанбе, 03 сентябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.224-233.

[8-М]. Абдулло, Д.А. Сиёсати муваффақи хориҷӣ ва саҳми Пешвои миллат дар ин раванд [Матн] / Д.А. Абдулло // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Ваҳдати миллӣ ва нақши он дар таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон», (шаҳри Душанбе, 7 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С.197-201.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Исмаилов Ш.М.** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва эрод дорад:

- муҳаққиқ таҷрибаи давлатҳои мутамаддинро, ки хизматҳои фарзандони қаҳрамони худро мадди назар гирифта, ҳанӯз дар айёми дар қайди ҳаёт буданашон бо мақсади нигоҳ доштани меросияти таърихӣ ва рушди бонизоми ҷомеа ва давлат, симо ва шахсияти онҳоро ҳамчун қаҳрамон, пешво ва падари миллат ва давлатҳо эътироф намудаанд, ёдрас шудааст. Хуб мешуд, агар аз ҷониби муҳаққиқ таҷрибаи мазкур васеътар мавриди пажӯҳиш қарор мегирифт.

**Амиров Т. Ш.** - и. в. дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси – сиёсатшиносӣ. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

- мавзуи таҳқиқот ба илми ҷомеашиносӣ низ то андозае алоқаманд аст. Беҳтар мебуд, агар муҳаққиқ зимни пажӯҳиш методҳои сотсиологиро низ мадди назар мегирифт;
- хуб мешуд, агар муҳаққиқ зимни таҳлили мавзуъ ба бунёди мустаҳками маънавӣ доштани ин ниҳод бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Дар оянда мадди назар доштани ин ҷиҳати масъала барои тавсеаи таҳқиқ мусоидат хоҳад кард.

**Камолова М.** - номзади илмҳои сиёсӣ, сармуҳаррири нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Народная Газета” Тақриз мусбат аст ва эрод дорад:

- ба андешаҳои шоҳидони ҳол, онҳое, ки ба сифати ҳамсафи содиқ дар паҳлуи Пешвои миллат буданд таваҷҷуҳ зоҳир гардида, нисбатан мухтасар будани ин омил боиси эрод гардидааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраротти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267

ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи ташаккул ва инкишофи институти сарварии сиёсӣ ва ниҳоди Пешвои миллат, масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалию сиёсии он, хусусиятҳои фаъолияти ниҳодҳои мазкур дар раванди таҳкими истиқлолияти сиёсию давлатии Тоҷикистон, мушкилот ва дурнамои онҳо дар шароити кунунии мамлакат, шаклҳои гуногуни баҳамтаъсиррасониҳои онҳо бо истифода аз навъҳо ва шаклҳои мухталифи технологияҳои сиёсӣ, таъмин ва такмили суботи сиёсии ҷомеа ва ғайра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд. Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти омӯзиши масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсӣ, шаклҳои зуҳури фаъолияти ниҳодҳои идоракунии давлатӣ саҳми босазо дорад ва ба масъалаҳои ташаккул ва инкишофи ниҳоди Пешвои миллат ва нақши он дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ, воқеият пайдо намудани идеалҳои сиёсии рушди ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои мубрами сиёсӣ аҳамияти зарурӣ медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- дар ҷараёни таҳқиқот мазмун, моҳият ва хусусиятҳои илмию назариявии масъалаи истиқлоли давлатӣ таҳлилу муайян гардида, мавқеъ ва ақидаҳои сиёсӣ вобаста ба он, махсусан нақши ниҳоди Пешвои миллат дар он асоснок гардидаанд;
- заминаҳои таърихию сиёсӣ ва консептуалии нақши сарвари сиёсӣ дар таҳкими низоми давлатдории навини Тоҷикистон мавриди таҳлил ва натиҷагирии амиқ қарор дода шудаанд;
- моҳияти заминаҳои таърихию сиёсӣ ва низоми ташаккул ва инкишофи истиқлоли давлатӣ дар дар шароити Тоҷикистон муайян ва асоснок карда шуданд;
- саҳми иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули ниҳоди нави сарварӣ муайян карда шуда, мақом ва нақши Пешвои миллат дар хотима додани ҷанги шаҳрвандӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ дар шароити Тоҷикистон асоснок гардидааст;
- раванди ташаккул ва нақши ниҳоди президентӣ дар пойдор гардидани истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва ҳифзи дастовардҳои замони истиқлол муайян гардид;
- хусусиятҳои ташаккули ниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон ҳамчун падидаи нави сиёсию ҳуқуқӣ омӯхта шуда, омилҳои тақвияти эътимоди ҷомеа ба он ҳамчун омили таҳкими истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ таҳлил ва асоснок гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** муқарраароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ дар мавзуи диссертатсионӣ метавонад ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ ва асоси

таҷрибавӣ дар баррасии минбаъдаи масъалаҳои таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва мақоми ниҳоди Пешвои миллат дар такмили раванди мазкур нишон дода шаванд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаи коркардҳои назариявии муҳаққиқони шинохта, ки дар асоси онҳо муаллиф ҷамъбасти назариявӣ, хулосаҳои дақиқ, тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, бештар рӯзмарра гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар пешбурди фаъолияти касбии мутахассисон дар коркардҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ ва кор бо унсурони инкишофи истиқлолияти давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии инкишофи сиёсии ҷомеа муфид мебошанд.

**Натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар воқеияти ҷамъиятӣ татбиқи васеи хешро пайдо менамоянд.** Натиҷаҳои кори илмӣ – таҳқиқотӣ дар таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои гуногуни ниҳоди Пешвои миллат ва мақоми он дар рушди истиқлолияти давлатӣ, махсусан фаъолияти унсурҳои гуногуни он ва таъсири онҳо ба рушди мутаносиби ҷомеа метавонанд ҳамчун сарчашмаи назариявӣ истифода гарданд. Муҳим он аст, ки дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва инкишофи ниҳоди Пешвои миллат ва мақоми он дар таҳкими истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард шудаанд. Инчунин хулосаҳои таҳқиқот барои возеҳу равшан намудани хусусиятҳои бевоситаи инкишофи мутаносиб ва босуботи ҷомеа низ мусоидат менамоянд. Зеро ниҳоди Пешвои миллат ва шаклҳои зуҳури фаъолияти он дар шароити Тоҷикистон ҳамчун омили муҳими пешрафт воқеият ёфтаанд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълими илмҳои сиёсӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ метавонанд истифода шавад. Инчунин, арзиши назариявию методологии натиҷаҳои таҳқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияи илмӣ ва тағйирпазирии равандҳои сиёсӣ анҷом дода шудаанд, ки дар самти коркарди консептуалии инкишофи ниҳоди Пешвои миллат ва мақоми он дар таҳкими истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд.

**Баррасии эътимоднокии иатиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот тавассути асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар мухолифат надоштани онҳо бо назарияи сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми сиёсӣ ифода меёбад. Инчунин, дар таҳқиқоти мазкур сарчашмаҳои иттилоотии расмӣ истифода шудаанд, ки қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили равандҳои сиёсии ҷомеа ба даст омада, натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи

кории илмӣ–таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф амалӣ шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

Маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз таърихи 01-уми марти соли 2024 дар бораи сазовор донистани Абдулло Далер Абдулло ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 12 нафар иштирокчиён, ки дар маҷлиси шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор – 12, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор /_______________/ Зокиров Г.Н.

И. в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих /_______________/ Акрамӣ З.И.

01.03.2024